**Тақриз**

**ба автореферати Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи “Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Агар саҳифаҳои таърихи таҳсилоти олиро варақ гардон кунем, ба хулосае меоем, ки дар ҳама давру замон дар бораи рушди шахсияти мутахассис, ташаккули завқи маърифатӣ ва албатта дар бораи малакаю салоҳиятҳои мустақилона фаъолият намудану дониш андӯхтан сухан меравад.

Маъмулан муассисаҳои олии касбӣ донишҷӯёнро бо дастовардҳои илмӣ шинос мекунанд, вале на ҳамеша раванду усул ва роҳҳоеро нишон медиҳанд, ки тавассути онҳо ин донишҳоро донишҷӯ бояд аз худ кунад.

Замони муосир рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва зарурати раванди азнавсозии таҳсилот, такмили методология ва методикаи омодагии мутахассисонро тибқи талаботи стандартҳои ҷаҳонии таҳсил тақозо дорад. Ҷиҳати баланд бардоштани сифати омодагии омӯзгорон ба фаъолияти касбӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат муносибатҳои нав, аз ҷумла, низоми кредитии таҳсилот ва муносибати босалоҳият дар таълим татбиқ шуда истодааст.

Муносибати босалоҳият тақозо мекунанд, ки омӯзгорони оянда дар раванди таълим бо салоҳияти касбӣ мусаллаҳ гардонида шаванд, ки асоси фаъолияти ояндаи онҳоро ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ таҳқиқоти анҷомдодаи Бобоева Г.Ш. ба масъалаи рӯзмарраи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ бахшидашуда, барои такмили низоми омода намудани омӯзгорон дар низоми кредитии таҳсилот аҳамияти калон дорад.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотӣ вобаста ба он собит мегардад, ки таърихи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, ҷамъбасти таҷрибаи амалии шаклҳо, роҳҳо ва методу усулҳои рушди салоҳияти иттилоотӣ, ба интихоби дурусти мазмуну мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ, на танҳо зимни таълими фанҳои силсилаи педагогӣ, инчунин барои бомуваффақият татбиқ кардани онҳо дар таълими дигар фанҳои таълимӣ мусоидат мекунанд.

Чуноне, ки аз муҳтавои автореферат бармеояд, муҳаққиқ дуруст муайян кардани моҳият ва технологияи тайёрии касбии омӯзгорони ояндаро бо назардошти ташаккули салоҳияти иттилоотӣ, асоснок намудани бунёди муҳити таълимӣ, амсила ва татбиқи озмоишии технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ, таҳияи малакаҳои кори донишҷӯён бо сарчашмаҳои иттилооти таълимию методиро коркард ва татбиқ намудааст, ки дорои аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҷиҳати амалии таҳқиқоти муҳаққиқ ба он асос меёбад, ки навигарии илмии онро бо таҳқиқоти махсус масъалаи мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёнро дар машғулиятҳои силсилаи фанҳои педагогӣ собит намудааст.

Таҳияи маҷмӯи шартҳои бунёди муҳити таълимии мусоидаткунанда ба ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён дар кор бо ахбори таълимӣ, ошкор ва асоснок намудани методикаи кор бо маводи таълимӣ, шаклу намудҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо мазмуни таълими аҳамияти назариявии таҳқиқоти анҷомдодаро ташкил медиҳад.

Ба назари мо мӯҳтавои автореферат инъикоскунандаи натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии дар сатҳи баланд анҷомдодашуда, муаллифи он аз рӯи мавзӯи интихобшуда ҷанбаҳои зиёдеро ба риштаи таҳқиқ кашида, худро чун муҳаққиқи мустақил, бо методология ва методикаи таҳқиқот мусаллаҳ нишон додааст, месазад, ки ба ӯ дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор дониста шавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Коллеҷи энергетикии
ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ: /__________/ Салимзода Гулмаҳмад Саид

**Суроға:**
735211, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, деҳ. Наврӯз
E:mail Zafarjon-1985@mail.ru тел:+992 935727373

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Коллеҷи энергетикии
ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ: /__________/ Саидов Холназар Ғашбекович

19.11.2021 с.